Раёсати Кӯшунҳои хушкигард дар тобеияти Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ ҳамчун органи роҳбарикунандаи ин навъи ҚМ соли 1997 таъсис ёфт. Вале аксари қисмҳои низомие, ки дар ҳайати он фаъолият мекунанд, аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ бунёд ёфта, маҳаки асосии Артиши Миллии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.



Кӯшунҳои хушкигард аз сершумортарин навъи Қувваҳои мусаллаҳ буда, 70 дар сади шумораи умумии Артиши миллии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.  Дар ҳайати Кӯшунҳои хушкигард асосан ҷузъу томҳои низомии савораи тирандоз, танкӣ ва артиллерия фаъолият мекунанд. Ҳамасола қисмҳои низомии ин навъи Қувваҳои Мусаллаҳ дар

гӯшахои гуногуни чумхурӣ мустакилона ва ё дар якчоягӣ бо чузъу томхои сохторхои кудратии мамлакат машкхои васеи низомӣ доир намуда, омодагии чангии худро пайваста сайкал медиханд.  Зеро хайати шахсии Кӯшунхои хушкигард ба мисли дигар вохидхои низомии Точикистони сохибистиклол дар хифзи сархадоти заминии кишвар, якпорчагии марзу буми он масъулияти бузургеро бар дӯш доранд.